«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Муовини ректори Донишгоҳи
давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи
Рӯдакӣ оид ба илм ва инноватсия
н.и.п., и.в дотсент __________ Рафиев С.А.
«_22_» ____05____ 2025

**ТАҚРИЗИ**

**муассисаи пешбар ба диссертатсияи Баҳорзода Сироҷиддини Ашур дар мавзуи «Саҳми Садриддин Айнӣ дар таҳқиқи таърихи халқи тоҷик (нимаи дуюми асри XIX – ибтидои асри XX)», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.09 – Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ**

**Мутобиқати муҳтавои диссертатсия ба ихтисос ё соҳаи илм.** Диссертатсияи Баҳорзода Сироҷиддини Ашур дар мавзуи «Саҳми Садриддин Айнӣ дар таҳқиқи таърихи халқи тоҷик (нимаи дуюми асри XIX – ибтидои асри XX)» ба банди 5-уми бахши «Соҳаҳои таҳқиқот»-и шиносномаи ихтисоси илмии 07.00.09 - Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ мувофиқат мекунад.

Диссертатсияи Баҳорзода Сироҷиддини Ашур дар доираи нақшаи дурнамои кори илмӣ-таҳқиқотии кафедраи таърихнигорӣ ва архившиносии факултети таърихи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба иҷро расида, ба ихтисосе, ки аз рӯйи он кор ба ҳимоя пешниҳод гардидааст, комилан мутобиқат намуда, дар ҷаласаи кафедраи таърихи халқи тоҷики Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдулоҳи Рудакӣ баррасӣ ва муҳокима гардида, ба он баҳои мусбӣ дода шуд.

Муассисаи пешбар дар хулосаи мусбии худ, ки аз ҷониби доктори илмҳои таърих, профессор Абдуллоев Маҳмуд Холович омода гардидааст, иброз менамояд, ки диссертатсияи Баҳорзода Сироҷиддин Ашур дар мавзуи мубрам навишта шуда, аҳаммияти назариявию амалии илмӣ дорад.

Мубрам будани мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ дар он асоснок карда шудааст, ки Садриддин Айнӣ дар рушди тамоми ҷабҳаҳои ҳаёти сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии тоҷикон дар асри XX саҳм гузошта, дар шароити муосири Тоҷикистон бузургдошти номи ӯ масъулияти насли имрӯз аст. Дар радифи хидматҳои арзандаи Садриддин Айнӣ баройи ривоҷи фарҳангу адабиёти тоҷик, нақши ӯ дар таҳқиқу инъикоси баъзе саҳифаҳои норавшани таърихи халқи тоҷик бузург аст. Омӯзишу баррасии осори таърихии

Садриддин Айнӣ бар асоси маъхазҳои хаттӣ ва таҳқиқоти имкон медиҳад, ки саҳифаҳои нави таърихи гузаштаи мо муайян гардад.

Садриддин Айнӣ ҳамчун шоҳиди ҳол таҳаввулоти сиёсӣ ва фарҳангии сарнавиштсози миллати тоҷикро мушоҳида карда, дар бораи ҳодисаҳои охири асри XIX ва аввали асри XX назари худро дорад, навиштаҳои ӯ дар таърихнигорӣ сарчашмаи муътамади таърихӣ мебошанд.

Пойгоҳи манбаъвии диссертатсияро асосан осори С. Айнӣ ташкил мекунад, ки онро муаллифи рисола ба риштаи таҳлилу баррасӣ кашидааст.

Объекти таҳқиқот дар навбати якум, таҳлили осори устод Садриддин Айниро доир ба масоили мубрами таърихи халҳи тоҷик дар қиёс бо таҳқиқоти муҳақиқони дигари соҳа дар бар мегирад.

Мақсади таҳқиқот, пеш аз ҳама, дар асоси осори нависанда ва олими барҷастаи қарни XX-и тоҷик Садриддин Айнӣ омӯхтани масоили мубрами таърихи халҳи тоҷик ва нишон додани саҳми барҷастаи ӯ мебошад. Муҳаққиқ дар асоси осори устод С. Айнӣ ва таҳлилу муқоисаи он бо осори дигар донишмандон масъалаҳои муҳимми бахшида ба таърихи халҳи тоҷикро баррасӣ намудааст. Муаллиф кӯшидааст, ки саҳми Садриддин Айниро дар роҳи омӯзиш ва равшан намудани саҳифаҳои таърихи халқи тоҷик, нишон диҳад.

Навоварии имлии кор дар он зоҳир мегардад, ки ки он нахустин рисолаи мукаммал роҷеъ ба саҳми Садриддин Айнӣ дар омӯзиши марҳалаҳои муҳимми таърихи халқи тоҷик мебошад.

Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот дар он аст, ки ӯ саҳми С. Айниро дар бораи омӯзиши масоили асосии таърихи халқи тоҷик дар охири асри XIX ва ибтидои асри XX дар қиёс ба осори таҳқиқотии дигар муаррихон таҳлилу баррасӣ кардааст.

Диссертатсия дар маҷмуъ, аз муқаддима, ду боб, хулоса, номгӯи сарчашмаву адабиёти истифодашуда иборат мебошад.

Дар муқаддима мубрамии мавзуи диссертатсионӣ асоснок гардида, дараҷаи коркард, максад ва вазифаҳои таҳқиқот, услуб ва усули коркарди мавзуъ мушаххас гардида, аҳаммияти назариявӣ ва амалии он нишон дода шуда, манобеъ ва навгонии илмии таҳқиқот, ҳамчунин муқаррароти асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда муайян шудааст.

Боби аввали диссертатсия – **«Инъикоси масоили мубрами таърихи охири асри XIX-и халқи тоҷик дар осори С. Айнӣ»** аз се зербоб иборат аст.

Зербоби аввал «Вазъи иқтисодӣ-иҷтимоии охири асри XIX дар таҳқиқоти С. Айнӣ» гузориш ва таҳлилу баррасии фишурдаест дар бораи сиёсати иқтисодии амирони Бухоро ва пуштибони онҳо аз ҷониби ҳукумати подшоҳӣ ва вазъи оммаи халқ. Зикр шудааст, ки С. Айнӣ ҳамчун шоҳид,

вазъи иқтисодӣ – иҷтимоии халқро инъикос ва маҷбурияти ду ҳукумати истисмориро нисбат ба мардум мазамат намуда, омили пастравии сатҳи зиндагии мардум ва минтақаро дар чунин ҳукуматҳои камфаъолият донистааст. Дар ин бахш, ҳамчунин таъсири иқтисодии Русияи подшоҳӣ, махсусан муносибатҳои сармоядорӣ ба аморати Бухоро таҳлил шудааст.

Дар зербоби дуюми боб – «Вазъи фарҳанги халқи тоҷик дар охири асри XIX аз нигоҳи С. Айнӣ» мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтааст. Дар диссертатсия таъкид мешавад, ки устод С. Айнӣ мавқеи хоси фарҳангро ба назар гирифта, дар осори хеш аз вазъи ин соҳаи афзалиятнок дар нимаи дуюми асри XIX дар Бухоро ёдовар гардида, онро ба таври мушаххас таҳлил намудааст. Яке аз унсурҳои хоси фарҳанг ва зинаи ибтидоии он низоми макотибу таҳсилот маҳсуб меёбад.

Ба ақидаи муаллифи диссертатсия таҳлили объективӣ ва ба таври хеле содда инъикос намудани ҳаёти иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии халқи тоҷик дар нимаи дуюми асри XIX аз ҷониби устод С. Айнӣ яке аз аввалин ташаббусҳои ҷиддӣ дар роҳи омӯзонидани таърихи асили гузаштаи худ ба насли наврасу ҷавон мебошад.

Дар қисми сеюми боби якум масъалаи «Инъикос ва баррасии ҳаракати маорифпарварӣ дар осори С. Айнӣ» таҳлилу баррасӣ мегардад. Муаллиф тазаккур медиҳад, ки С. Айнӣ ҳамчун муҳаққиқ ва меросбари мактаби маорифпарварон дар осори хеш роҷеъ ба хусусияти ин мактаби маърифатию иҷтимоии халқи тоҷик ва намояндаҳои он маълумот медиҳад.

Дар боби дуюми диссертатсия **«Масоили таҳлилу омӯзиши таърихи ибтидои асри XX-и халқи тоҷик дар осори С. Айнӣ»** мавриди баррасӣ қарор гирифтааст.

Дар зербоби аввали боб – «Инъикоси паёмадҳои ҳамлаи Русияи подшоҳӣ ба Осиёи Марказӣ ва сиёсатҳои он дар минтақа дар таҳқиқоти Садриддин Айнӣ» масъалаи истилои Осиёи Марказӣ ва паёмадҳои ҳамроҳ шудани минтақа ба империяи Русия рафтааст.

Муаллиф тазаккур додааст, ки С. Айнӣ ба унвони як муаррих хушомадгӯии муаррихони шарқиро ба зери тозиёнаи танқидгирифта, ҳамеша ба асли таърихият ва воқеъбинона инъикос кардани ҳодисаҳои гузашта пойбандӣ нишон медиҳад.

Дар зербоби дуюм «Садриддин Айнӣ ва масъалаҳои омӯзиши ҳаракати ҷадидия» мавриди таҳлилу омӯзиш қарор гирифтааст. Дар асоси ин таҳлилҳои устод С. Айнӣ ба муаллиф ба хулосае омадааст, ки яке аз омили қувват гирифтани муқобилони ҷадидон, ки ягона қувваи хайрхоҳи ҷомеа буданд, бесаводу аз аҳкоми шариат дур будани аксарият мардуми оддӣ, махсусан ҷавонон буд. Ин гуна ашхос воситаи асосии амалӣ гардидани

ҳадафҳои ҳукумати золим ва муллоҳои ифортӣ шуда буд. Новобаста ба чунин аъмоли бади онҳо ҳоло ҳам мардуми оддӣ ба онҳо боварӣ дошту фикр менамуд, ки амир намояндаи Худо асту муллоҳо бошанд ягона қувваҳои ҳақиқатпарасту ҳақиқатҷӯ дар роҳи амалӣ гардидани гуфтаҳои Худо. Омили асосии ин бадбахтӣ аз мадорису марказҳои илмӣ дур мондани мардум буд.

Дар хулосаи диссертатсия фикри ҷамъбастии муаллиф роҷеъ ба мавзуъ оварда шуда, ҳамчунин пешниҳодҳои назариявӣ ва тавсияҳои ӯ низ боиси қабул мебошанд.

Нуқтаҳои илмӣ ва хулосаҳое, ки дар диссертатсия пешкаш шудаанд, аз лиҳози илмӣ-методологӣ, бо истифодаи ақидаҳои маъмули пазируфтаи илми таърих мувофиқ мебошанд. Онҳо дар муқоиса бо нуқтаҳо ва хулосаҳое, ки дар раванди омӯзиши таърихи нимаи дуюми асри XIX ва ибтидои ари XX истифода мешаванд, хислати навгонӣ доранд.

Мазмуни автореферат бо диссертатсия комилан мувофиқ мебошад. Унвонҷу оид ба диссертатсия худ 8 кори илмӣ, аз ҷумла 5 мақола дар маҷаллаҳои тақризшаванда КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 3 мақола дар дигар маҷаллаҳои илмӣ аз чоп баровардааст.

Дар баробари дастовардҳо дар диссертатсия баъзе нуқсонҳо, норасоӣ ба назар мерасанд, ки намоёнтаринашон инҳо мебошанд:

1. Хуб мешуд мубрамии омӯзиши мавзуъ боз ҳам мушаххасу равшантар карда шавад;

2. Методи қиёси осори муаррихон дар масъалаи таҳлили вазъи иҷтимоии халқи тоҷик дар охири асри XIX аз ҷониби муаллиф истифода шудааст, вале осори донишмандони замони С. Айнӣ камтар мавриди истифода қарор гирифтааст;

3. Роҷеъ ба масъалаи маорифпарварӣ ақидаи худи муаллиф баъди хулосабарорӣ ба таври амиқу дақиқ мушоҳида намешавад, агар бошад, ҳам устувор нест.

4. Муаллифро мебояд, ки ҳангоми нашри монография масъалаи оқибати сиёсати забткоронаи Русияи подшоҳиро бо дарназардошти осори муҳаққиқони замони муосир мавриди баррасӣ қарор диҳад.

Бояд зикр намуд, ки эродҳои мазкур қиммати илмии диссертатсияро кам намегардонанд, зудислоҳдшванда мебошанд ва муаллиф метавонад ҳангоми ба нашр пешниҳод намудани монография онҳоро бартараф намояд.

Ҳамин тавр, диссертатсия дар мавзуи «Саҳми Садриддин Айнӣ дар таҳқиқи таърихи халқи тоҷик (нимаи дуюми асри XIX – ибтидои асри XX)» ба талаботи «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021 №267 ҷавобгӯ буда, муаллифи он – Баҳорзода Сироҷиддини Ашур - сазовори гирифтани дараҷаи

илмии номзади илмхои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.09 – Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ мебошад.

Такризи муассисаи пешбар аз тарафи доктори илмхои таърих, профессор Абдуллоев М.Х. омода гардида, дар семинари васеи илмӣ-назариявии кафедраи таърихи халки точик баррасӣ ва дар мачлиси ҳамин кафедра чонибдорӣ ва тасдиқ карда шудааст. Дар натичаи овоздихӣ аз - 14 нафар иштирокчиён: тарафдор - 14 нафар, зид - нест, бетараф - нест.

(Суратмачлиси кафедра №10 аз 20 майи соли 2025).

**Раиси чаласа:**
Номзади илмҳои таърих, дотсент
Мудири кафедраи таърихи халқи
тоҷики Донишгоҳи давлатии — Суфиев Садриддин
Кулоб ба номи Абуабдуллоҳи, — Насридинович.
Рудакӣ номзади илмҳои таърих,

**Ташхисгар:**
Доктори илмҳои таърих, профессори — Абдуллоев Маҳмуд
кафедраи таърихи халқи тоҷики — Холович
Донишгоҳи давлатии Кулоб ба
номи Абуабдуллоҳи Рудакӣ

**Котиби чаласа:**
Номзади илмҳои таърих, дотсенти — Сафаров Холмад
кафедраи таърихи халқи тоҷики — Хоркашович
Донишгоҳи давлатии Кулоб ба
номи Абуабдуллоҳи Рудакӣ

Имзоҳои М.Х. Абдуллоев, С.Н. Суфиев,
ва Х.Х. Сафаров-ро тасдиқ менамоям:
Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи давлатии Кулоб ба
номи Абуабдуллоҳи Рудакӣ — Амиров Ф.А.

РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС

Суроғаи муассисаи пешбар: 735360, Ҷумҳурии
Тоҷикистон, шаҳри Кӯлоб, кучаи С. Сафаров,
Тел: (992-3432) 2-35-06, 2-35-09; Факс: (+992 3322) 2-35-06;
E-mail: info@kgu.tj, somona@kgu.tj

20.05.2025